**РАИСИ**
**КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ**
**ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ФАРМОИШ**

«18» 08 соли 2023 №399 ш.Душанбе

Дар бораи тасдиқ намудани «Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои тобеи он»

Бо мақсади тибқи «Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2017, №358 тасдиқ шудааст, дуруст ба роҳ мондани коргузорӣ дар дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии он,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. «Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои тобеи он» дар таҳрири нав тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Раёсати молиявию хоҷагидорӣ барои нашр намудани «Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои тобеи он»дар таҳрири нав, чораҷӯӣ намояд.

3. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ:

а) фармоиши мазкурро барои маълумот ба воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд;

б) ҳангоми гузаронидани дарсҳои тахассусӣ, «Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои тобеи он» дар таҳрири навро истифода намояд;

в) риояи муқаррароти «Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои тобеи он» дар таҳрири навро аз ҷониби воҳидҳои сохтории дастгоҳи марказии Кумитаи андоз ва мақомоти ҳудудии он, назорат намояд.

4. КВД «Редаксияи рӯзномаи «Боҷу хироҷ» «Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои тобеи он»-ро дар рӯзнома ба чоп расонад.

5. Раёсати технологияҳои иттилоотӣ дар якҷоягӣ бо КВД “Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз” ҷиҳати дар сомонаи Кумитаи андоз ҷойгир намудани «Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои тобеи он» чораҷӯӣ намояд.

6. Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 02.07.2020, №313 “Дар бораи тасдиқи «Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зерсохторҳои тобеи он» аз эътибор соқит дониста шавад.

7. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Солеҳзода А.М. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода

Бо фармоиши Раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «18» августи соли 2023,
№399 тасдиқ шудааст

# ДАСТУРАМАЛИ КОРГУЗОРӢ ДАР КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА СОХТОРҲОИ ЗЕРТОБЕИ ОН

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеи он (минбаъд-Дастурамал) дар асоси «Дастурамали намунавии коргузорӣ дар мақомоти давлатӣ, муассиса, корхона ташкилотҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.07.2017, № 358 тасдиқ шудааст, тартиб дода шудааст.

2. Дастурамал қоидаҳои ба роҳ мондани коргузорӣ ва назоратро муқаррар карда, кор бо ҳуҷҷатҳоро аз лаҳзаи ворид ё таҳия шуданашон то вақти барои нигоҳдорӣ ба бойгонӣ супоридани онҳо дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд-Кумита) ва сохторҳои зертобеи он ба низом медарорад.

3. Дастурамал бо мақсади дуруст ба роҳ мондани коргузорӣ, мусоидат ҷиҳати сари вақт иҷро намудани қарору супоришҳои мақомоти болоӣ, фармоишҳои роҳбарияти Кумита ва ҳуҷҷатҳои хизматӣ таҳия гардида, барои кормандони мақомоти андоз ва сохторҳои зертобеи он қоидаҳои ягонаи омода намудани ҳуҷҷатҳо, барасмиятдарорӣ, баҳисобгирӣ, истифодабарӣ, назорат ва нигоҳдории онҳоро муқаррар менамояд.

4. Уҳдадориҳо оид ба риояи талаботи Дастурамал ба зиммаи сараёсатҳо, раёсатҳо, шуъбаҳо ва бахшҳои Кумита ва дигар воҳидҳои сохторҳои коргузорӣ, инчунин назорати иҷроиши Дастурамал ба Раёсати аудити дохилӣ ва воҳиди сохтории коргузорӣ гузошта мешавад.

Роҳбарияти Кумита ва сохторҳои зертобеи он бояд ҳамаи кормандонро бо тартиби кор бо ҳуҷҷатҳо (бо гирифтани имзои шахсӣ) шинос намуда, риояи талаботи Дастурамалро таъмин намоянд.

Ҳангоми иваз гардидани кормандони мутасаддӣ ҳуҷҷатҳо ва дигар маводи коргузорӣ (мухр, штамп ва ғайраҳо) тибқи тартиби муқарраршуда бо санад супорида мешавад.

5. Тартиби кор бо ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти сирри давлатӣ тибқи Дастурамал оид ба таъмини низоми махфият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ ба амал баровarda мешавад.

6. Коргузорӣ оид ба дархостҳо, аризаҳо ва шикоятҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар

бораи мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” ва «Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба мурочиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» амалӣ мегардад.

7. Коргузорӣ, мукотиба бо муассисаҳо ва шаҳрвандон мутобиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» анҷом дода мешавад.

## 2. ОМОДА НАМУДАН ВА БА РАСМИЯТ ДАРОВАРДАНИ ҲУҶҶАТҲОИ ХИЗМАТӢ

### §1. Ҳуҷҷатгузорӣ дар фаъолияти идоракунӣ

8. Ҳуҷҷатгузорӣ дар фаъолияти идоракунӣ мувофиқи тартиби муқарраргардида аз сабт намудани иттилооти зарурӣ барои идоракунӣ, яъне аз ташкили кори ҳуҷҷатнигорӣ иборат аст.

9. Маҷмӯи намудҳо ва гуногунии ҳуҷҷатҳо дар асоси таъиноти мақсаднокии ҳар як ҳуҷҷат муайян карда мешавад.

10. Дар Кумита ва сохторҳои зертобеи он ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ (қарорҳо, фармоишҳо, низомномаҳо, дастурамалҳо, санадҳо, хулосаҳо, гузоришҳо, мактубҳо) ва ҳуҷҷатҳои ба ин гуруҳ мансуб набуда, яъне ҳуҷҷатҳои оморӣ, молиявӣ ва ғайра дар асоси муқаррароти санадҳои меъёрии дахлдор тартиб дода ба расмият дароварда мешаванд.

11. Фаъолияти идоракунии Кумита ва сохторҳои зертобеи он бо роҳи интишори ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ тибқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ» ба танзим дароварда мешавад.

### §2. Қоидаҳои таҳия ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ

12. Ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ мувофиқи стандартҳои давлатӣ дар бланкҳои махсус тартиб дода ва ба расмият дароварда мешаванд.

13. Бланкҳои дар Дастгоҳи марказии Кумита истифодашаванда ҳуҷҷатҳои ҳисоботашон қатъӣ буда, бояд танҳо тибқи таъинот истифода гарданд ва додани он ба дигар муассисаю ташкилот ва шахсони алоҳида қатъиян манъ аст. Роҳбарияти Кумита ва сохторҳои зертобеи он барои таъмини нигаҳдорӣ ва дуруст истифода бурдани бланкҳои ба онҳо додашуда масъул мебошанд.

Лоиҳаи бланкҳое, ки аз ҷониби сохторҳои зертобеи Кумита омода мегарданд, бояд бо Дастгоҳи марказӣ мувофиқа карда шаванд.

Дар мавриде, ки агар маълумотномаҳо, ҳисоботҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо бо мактубҳои ҳамроҳӣ тартиб дода шаванд, он гоҳ ин ҳуҷҷатҳо дар бланкҳо ба расмият дароварда намешаванд.

Баъзе ҳуҷҷатҳоро (асосан ҳуҷҷатҳои дохилиро) дар варақҳои оддӣ (аризаи кормандон, баъзе маълумотномаҳои хизматӣ ва ғайра) ба расмият даровардан мумкин аст.

Истифодаи бланкҳои худсоз қатъиян манъ аст.

Ҳуҷҷатҳо дар бланкҳои ду андоза: А4 (210 х 297мм) ва А5 (148 х 210 мм) чоп карда мешаванд. Бланкҳои андозаи А5 танҳо барои мактубҳои ҳамроҳӣ ва ҳуҷҷатҳое, ки матни онҳо аз 8-10 сатри чопи компютерӣ зиёд нест, истифода бурда мешаванд.

Оид ба масъалаи коркарди шаклҳои бланкҳои ҳуҷҷатҳои ташкилию амрдиҳӣ бояд бо ташкилоти дахлдори хадамоти давлатии бойгонӣ машварат карда шавад.

14. Ҳар як ҳуҷҷат бояд маҷмӯи муайяни нишонаҳои (реквизитҳои) дақиқ ва тартиби устувори ҷойгиршавии онҳоро дошта бошад. Шумораи ниҳоии нишонаҳо ва мавқеи ҷойгиршавии онҳоро стандарти давлатӣ муайян мекунад.

15. Тартиб додан ва ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо риояи ҳатмии талаботи зеринро пешбинӣ менамояд: нишон додани намуди ҳуҷҷат, номи ташкилот, тартиб додани сарлавҳаи ҳуҷҷат, нишон додани гирандаи он, санагузории ҳуҷҷат, гузоштани қайдҳо оид ба мувофиқакунии матни ҳуҷҷат, тасдиқи ҳуҷҷат (имзо ва тасдиқ кардан, гузоштани қайдҳо оид ба гардиш ва иҷрои ҳуҷҷат, гузоштани мухр (дар ҳолатҳои зарурӣ).

Номгӯи намуди ҳуҷҷат бояд дар ҳар як ҳуҷҷат, ба истиснои мактуб, нишон дода шавад, масалан: ФАРМОН, ФАРМОИШ, ПРОТОКОЛ, ҚАРОР, ГУЗОРИШ ва ғайра (ин унсур бо ҳарфҳои калон навишта мешавад).

Барои ҳар як ҳуҷҷате, ки дар варақи андозаи А4 таҳия мешавад, новобаста аз таъиноти он, сарлавҳа тартиб дода мешавад. Сарлавҳа бояд мухтасар ва дақиқ буда, ба саволи «Дар бораи ...», «Дар бораи тағйир додани ...», «Дар бораи ҷудо намудани ...», «Дар бораи бекор кардани ...» ва ғайраҳо ҷавоб дошта бошад. Агар дар ҳуҷҷат якчанд масъала инъикос гардад, он гоҳ сарлавҳаро ба таври ҷамъбасткунанда тартиб додан мумкин аст. Дар барқияи телефонӣ, хабарномаҳо ва ҳуҷҷатҳое, ки матни онҳо дар бланкҳои андозаи А5 чоп карда мешавад, сарлавҳа гузошта намешавад. Сарлавҳаро тартибдиҳандаи ҳуҷҷат таҳия менамояд.

16. Ҳангоми омода ва ирсол намудани ҳуҷҷат бояд қоидаҳои зерин риоя шаванд:

- ҳуҷҷатҳо ба Кумита, сохторҳои зеритобеи он ё шахси мансабдори мушаххас ирсол карда мешаванд (воҳиди сохторӣ ё шахси мансабдор дар мукотибаи дохилиидоравӣ, мукотиба бо гирандагони доимӣ ва дар ҳолатҳои дигар, ки муайян намудани гирандаи дақиқ ягон душвориро ба амал намеорад, нишон дода мешавад);
- номи ташкилот ва воҳиди сохтории он дар шакли зерин нишон дода мешавад.

Масалан: Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
Раёсати сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ

- ҳангоми ирсол намудани ҳуҷҷат ба шахси мансабдор номи ташкилот, вазифа, ному насаби гиранда чунин навишта мешавад.

Масалан: Ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва
шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Сардори Хадамоти муҳоҷират

________________________________
(насаб, ном, номи падар)

- ҳангоми ба роҳбарияти ташкилот ирсол намудани ҳуҷҷат номи ташкилот бояд ба таркиби номи вазифавии гиранда ворид гардад.

Масалан: Ба муовини Вазири рушди
иқтисод ва савдои
Ҷумҳурии Тоҷикистон

__________________________
(насаб, ном, номи падар)

- ҳангоми ба гирандагони муваққатӣ фиристодани ҳуҷҷат нишонии почтаи гирандаи ҳуҷҷат нишон дода мешавад.

Масалан: Корхонаи воҳиди давлатии
«Тоҷиксемент»
734017, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, №205

- агар ҳуҷҷат ба шахси алоҳида ирсол карда шавад, он гоҳ аввал дар он суроға, насаб, ном, номи падари шахси гиранда ва баъд нишонии почта нишон дода мешавад.

Масалан: ш.Душанбе,
кӯчаи Саид Носир, №11
Ба Ашуров Абдусатор Сафарович
734003

17. Санаи ҳуҷҷат санаи имзо ё тасдиқ шудани он ба ҳисоб меравад.

18. Стандарти давлатӣ ду намуди навиштани санаро муқаррар намудааст: пурра (масалан: 17 марти соли 2023) ва мухтасар (17.03.23). Шакли нисбатан қулай ба воситаи се ҷуфти рақамҳои арабии бо аломати нуқта ҷудо гардида мухтасар навиштани сана мебошад (ҷуфтҳои алоҳидаи рақамҳо рӯз, моҳ, солро ифода менамоянд). Агар рақами рӯз ва рақами тартибии моҳ якрақама бошанд, он гоҳ пеш аз рақам «сифр» гузошта мешавад, масалан: агар 9 январи соли 2023 бошад, пас 09.01.23 навиштан лозим аст.

19. Ҳамаи қайдҳои хизматӣ дар ҳуҷҷате, ки ба гардиши он вобаста аст, санагузорӣ гардида, бо ранги кабуд имзо карда мешаванд. Санаи қарорҳо, фармоишҳо, фармонҳо, мактубҳо, хулосаҳо, гузоришҳо ва

маълумотномаҳо рӯзи ба имзо расидани онҳо мебошад. Санаи протоколҳо, санадҳо, санаи гузаронидани чорабинӣ ба шумор меравад.

20. Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби як шахс ва бо ранги кабуд имзо карда мешаванд. Ду ва зиёда имзоҳо дар сурате гузошта мешаванд, ки барои тасдиқи мазмуни ҳуҷҷат якчанд шахс масъул бошанд (санадҳо, ҳуҷҷатҳои молиявӣ ва ғайра). Ҳуҷҷатҳои содира барои имзо якҷоя бо маводе, ки дар асоси онҳо таҳия гардидаанд, бо ҳуруфи намунаи муқарраршуда, дар шакли чопи тоза, бидуни таҳриру ислоҳ пешниҳод карда мешаванд ва мутобиқи муқаррароти Дастурамали мазкур бояд аз ҷониби тартибдиҳандагон ба таври дақиқ тафтиш карда шаванд.

21. Мувофиқакунӣ усули баррасии пешакӣ ва баҳогузории лоиҳаи ҳуҷҷат мебошад. Мувофиқакунӣ ҳалли дуруст ва ҳаматарафаи масъалаҳои сифати лоиҳаи ҳуҷҷати омодашуда, мақсаднокӣ ва саривақтии он, асоснокии сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-техникии мундариҷаи он, мувофиқати лоиҳаи ҳуҷҷати омодашуда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаро таъмин менамояд.

22. Лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳо ҳам дар дохили Кумита ва сохторҳои зертобеи он (бо воҳидҳои сохторӣ, шахсони мансабдор ва кумитаи иттифоқи касаба) ва ҳам берун аз он (бо дигар ташкилотҳо) мувофиқа карда мешаванд.

23. Шакли мувофиқакунии дохилии лоиҳаи ҳуҷҷат манзурӣ (виза) гузоштан ба он мебошад. Манзурӣ дар худ имзои шахсии возеҳ ва хонои шахси ҳуҷҷатро имзокарда ва санаи онро дар бар мегирад. Ҳангоми зарурат вазифа, насаб, ном ва номи падари шахси манзурӣ гузоштаро нишон додан мумкин аст.

Масалан: Сармуҳосиб имзо насаб, ном, номи падар
15.04.23

24. Эрод ё илова ба ҳуҷҷат, агар онҳо мавҷуд бошанд, дар варақи алоҳида оварда мешаванд Дар лоиҳаи ҳуҷҷат чунин манзурӣ гузошта мешавад:

Масалан: Сармуҳосиб имзо насаб, ном, номи падар
Эродҳо замима мегарданд. 15.04.23.

25. Одатан манзуриҳо дар қисми поёнии нусхаи якуми лоиҳаи ҳуҷҷат баъди нишонаи «имзо» гузошта мешаванд. Агар ба ҳуҷҷат аз тарафи якчанд нафар манзурӣ гузошта шавад, дар он сурат манзуриҳо пайи ҳам мувофиқи тартиби гузоштани онҳо ҷойгир карда мешаванд.

26. Мувофиқаи берунӣ бо мухр ё маълумотнома оид ба мувофиқакунӣ ба расмият дароварда мешавад.

27. Мухри мувофиқакунии берунӣ дар худ чунин унсурҳоро дар бар мегирад: калимаҳои «МУВОФИҚА ШУД», номи вазифа, имзои шахсӣ, насаб, ном, номи падари шахсе, ки бо ӯ ҳуҷҷат мувофиқа мешавад ва санаи мувофиқа.

Масалан: МУВОФИҚА ШУД
Вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

имзо насаб, ном, номи падар

5 феврали соли 2023

ё Бо Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа шуд (мактуб аз 05.02.23, №124-1).

28. Муҳри мувофиқакунии беруна дар варақаи унвони ҳуҷҷат гузошта мешавад.

29. Имзо унсури ҳатмии ҳуҷҷат мебошад, ки масъулияти шахси ба ҳуҷҷат имзогузоштаро нисбат ба мундариҷа ва қонунӣ будани он ифода менамояд.

30. Ба ҳуҷҷати ирсолшаванда танҳо роҳбари ташкилот имзо мегузорад. Дар ҳолати набудани роҳбар, ба ҳуҷҷат муовини ӯ имзо гузошта метавонад. Ба ҳуҷҷатҳои молиявӣ роҳбари ташкилот ё шахси бо қонун ваколатдоршуда ва сармуҳосиб бо ранги кабуд имзо мегузорад.

31. Дар ҳуҷҷат танҳо ба нусхаи якуми он бо ранги кабуд имзо гузошта мешавад. Ҳангоми ба унвони роҳбарони аввали мақомот ва ташкилоти давлатӣ ё ташкилоти хориҷӣ ирсол намудани ҳуҷҷат, дар парвандаи воҳиди дахлдори сохтории ташкилот мутобиқи феҳристи парвандаҳо нусхаи дуюми асл боқӣ монда, нусхаи якуми асл аз ҷониби воҳиди сохтории коргузорӣ ба таври инфиродӣ фиристода мешавад. Дар ҳолати бисёрсуроғавӣ бошад, ҳуҷҷатҳо ба суроғаҳои дахлдор дар шакли нусха фиристонида шуда, нусхаи аслии онҳо дар воҳиди сохтори мақомот тибқи феҳристи парвандаҳо нигоҳ дошта мешавад.

32. Ба таркиби имзо нишон додани мансаби шахси ба ҳуҷҷат имзогузошта, имзо ва насаб, ном, номи падар дохил мешаванд.

Масалан: Раис имзо насаб, ном, номи падар

33. Ҳангоми имзои ҳуҷҷати тартибдодаи комиссия на ин ки вазифаи шахсони ҳуҷҷатро тартиб дода, балки тақсимоти вазифаҳои онҳо дар комиссия нишон дода мешаванд. Насаб, ном, номи падари раиси комиссия алоҳида навишта, насаб, ном, номи падари аъзои комиссия бошад, бо тартиби алифбоӣ номбар карда мешаванд.

Масалан: Раиси комиссия имзо насаб, ном, номи падар
Аъзоёни комиссия: имзо насаб, ном, номи падар
имзо насаб, ном, номи падар

ва ғайра.

34. Ба протоколҳои ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ раиси мақомоти машваратӣ имзо мегузорад.

35. Тасдиқ - унсури махсуси тасдиқи ҳуҷҷат баъди имзо шудани он мебошад, ки интишори амали онро ба шахсони мансабдор иҷозат медиҳад.

36. Ҳуҷҷате, ки бояд тасдиқ шавад, танҳо аз лаҳзаи тасдиқ шуданаш эътибори ҳуқуқӣ пайдо менамояд.

37. Ҳуҷҷатҳоро роҳбари ташкилот ё муовини он, агар ҳалли масъалаи дар ҳуҷҷат дарҷгардида ба салоҳияти вай дохил шавад, тасдиқ менамояд.

38. Унсурҳои шакли тасдиқ калимаҳои «Тасдиқ мекунам», номи вазифа, имзои шахсӣ, насаб, ном, номи падари шахси ҳуҷҷатро тасдиқкарда, санаи тасдиқ ба шумор мераванд.

Масалан:

Тасдиқ мекунам
Раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
_______ насаб, ном, номи падар
имзо
15 апрели соли 2023

39. Ҳангоми бо санади ҳуқуқӣ тасдиқ кардани ҳуҷҷат, он дар шакли зерин (аз боло дар тарафи рости ҳуҷҷат) нишон дода мешавад.

Масалан:

Бо фармоиши Раиси Кумитаи
андози назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 5 январи соли 2023, №14
тасдиқ шудааст.

40. Ба ҳуҷҷатҳое, ки аслӣ будани онҳо тасдиқи махсусро талаб менамоянд, ба ғайр аз имзо, муҳр низ гузошта мешавад.

41. Муҳр ба ҳуҷҷатҳои дорои хусусияти моддию молиявӣ, маълумотномаҳо, шаҳодатномаҳо, дафтарчаҳои меҳнатӣ, инчунин дар ҳолатҳои зарурӣ ба дигар ҳуҷҷатҳо низ гузошта мешавад. Муҳре, ки дар он номи ташкилот ва воҳидҳои сохтори он сабт шудааст, дар нусхаҳои ҳуҷҷатҳои амрдиҳанда ба дигар суроғаҳо фиристодашаванда гузошта мешавад. Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки бояд бо муҳри дорои нишони давлатӣ тасдиқ карда шаванд, инчунин тартиби тайёр, истифода ва нигоҳдории муҳрҳо бо санади роҳбари Кумита тасдиқ карда мешавад.

## §3. Талабот нисбат ба ҳуҷҷатҳои тавассути таҷҳизоти компютерӣ омодашуда

42. Омода намудани ҳуҷҷатҳо бо усули чопи компютерӣ ё воситаҳои техникаи электронӣ мувофиқи талаботи стандарти давлатӣ амалӣ мешавад.

43. Дар ҳуҷҷат ҳамаи нишонаҳо бояд дар доираи ҳудудҳое, ки варақа-намунаи стандарти давлатӣ муқаррар кардааст, ҷойгир карда шаванд.

44. Ҳангоми ирсоли хуҷҷат бояд қоидаҳои зерин ва андозаи ҳошияҳо ҳатман риоя шаванд:

- мактуб дар лифофа фиристода шавад;
- бо ҳуруфи Times New Roman Tj андозаи 16 ба номи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва андозаи 14 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вазорату идораҳо пешниҳод шавад;
- ҳуҷҷатҳое, ки аз 1 саҳифа зиёданд, саҳифбандӣ карда шаванд;

- истифодаи ҳуруфи муқаррарӣ бе ҳарфҳои ғафс;

- меъёри ҳудуди бланк дар варақаи чопӣ: аз боло 1,5 см; аз чап 2,5 см; аз рост 1,5 см; аз поён, барои андозаи А4 – на камтар аз 4 см, барои гузоштани муҳри вазорат ё идораи гирандаи мактуб) ва барои андозаи А5 – на камтар аз 1 см.

45. Матни ҳуҷҷат бо фосилаи як ё якуними байнисатрӣ чоп карда мешавад.

46. Сатри аввали ҳар як сарсатри матн бо гузоштани фосилаи муайян аз ҳудуди ҳошияи чап чоп карда мешавад.

47. Дар ҳолати зарурӣ дар баробари ҳуҷҷати ирсолшаванда шакли электронии он низ пешниҳод карда мешавад.

## §4. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани протоколҳо

48. Аз натиҷаи ҷаласаҳои Мушовараи Кумита, машваратҳо ва маҷлисҳои назди роҳбарият гузаронидашаванда бояд протоколҳо тартиб дода шаванд. Протоколҳои ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ ва дигар маҷлисҳо дар ҳудуди соли тақвимӣ рақамгузорӣ карда мешаванд.

49. Матни протокол бояд аз ду қисм иборат бошад: муқаддимавӣ ва асосӣ. Дар қисми муқаддимавии протоколи ҷаласаҳои мақомоти машваратӣ, машваратҳо ва маҷлисҳо шумораи умумии иштирокчиён, шумораи шахсони ба ҷаласа даъватшуда, рӯзномаи ҷаласа, ҳайати раёсат, насаб, ном, номи падари раис ва котиби маҷлис, бо номгӯи масъалаҳои баррасишаванда, нишон додани вазифа ва насаб, ном, номи падари маърӯзачиён зикр карда мешавад.

50. Агар шумораи шахсони даъватшуда ба ҷаласаи мақоми машваратӣ, машварат, ҷаласа аз 5 нафар зиёд бошад, он гоҳ рӯйхати онҳо дар шакли ҳуҷҷати алоҳидаи ба протокол замимашаванда тартиб дода мешавад.

51. Қисми асосии протоколи ҷаласаи мақомоти машваратӣ, машварат ва маҷлис бояд аз фаслҳои мутобиқ ба бандҳои рӯзномаи маҷлис иборат бошад.

52. Матни ҳар як фасли асосӣ бояд аз таркибҳои: шунида шуд, баромад карданд, қарор кард, таркиб ёфта бошад.

53. Пас аз калимаҳои «ШУНИДА ШУД» рақами тартибии масъалаи рӯзнома гузошта мешавад.

54. Калимаҳои «ШУНИДА ШУД» бо ҳарфҳои калон, аз ҳошияи тарафи чап чоп карда шуда, баъди он аломати баён гузошта мешавад: дар сатри дигар бо сарсатр (абзатс) насаб, ном, номи падари маърӯзакунанда ва дар қавс (маърӯза замима мегардад) нишон дода мешавад.

55. Дар фасли «Баромад карданд»-и протокол, мазмуни ҳамаи баромадҳо ва саволу ҷавобҳо ба онҳо ва маълумотҳо зикр карда мешаванд.

56. Баъди ба охир расидани баромадҳо қарор оид ба масъалаи якуми рӯзнома навишта мешавад.

57. Протоколҳои ҷаласаҳои мақоми машваратӣ ва машваратҳоро ба таври кӯтоҳ низ ба расмият даровардан мумкин аст.

58. Дар шакли кӯтоҳи протокол дар қисмати асосии он мазмуни баромадҳо баён карда нашуда, танҳо номгӯи масъалаҳои баррасишаванда бо зикри насаб, ном, номи падари маърӯзачиён, баромадкунандагон ва қарорҳои қабулгардида нишон дода мешаванд.

59. Протоколҳои ҷаласаҳои мақоми машваратӣ дар бланкҳо чоп карда шуда, аз тарафи раиси мақоми машваратӣ имзо карда мешаванд, ба протоколҳои машваратҳо шахсе, ки онро гузаронидааст, имзо мегузорад, ба протоколҳои ҷаласа ва маҷлисҳо бошад, раис ва котиби он имзо мегузоранд.

## §5. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани фармоишҳо

60. Номи фармоиш ба таври мухтасар бояд мазмуни онро инъикос намуда, дар маркази варақаи фармоиш оварда мешавад.

61. Матни фармоиш аз ду қисм иборат аст: муқарраротӣ ва амрдиҳӣ. Дар қисми муқарраротӣ асос ва омилҳое, ки боиси таҳияи фармоиш гардидаанд, баён шуда, дар қисми амрӣ бошад, амалҳои фармоишӣ номбар карда мешаванд. Агар фармоиш дар асоси ҳуҷҷати дахлдори мақоми болоӣ бароварда шавад, он гоҳ дар қисми муқарраротӣ ном, рақам, сана ва номи он ҳуҷҷат оварда мешавад.

62. Қисми амрдиҳии фармоиш бо калимаҳои «ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:» оғоз ёфта, якҷоя бо матн бо ҳарфҳои калон навишта шуда, дар охири он аломати баён гузошта мешавад. Чорабиниҳои пешбинишуда, дар бандҳо ҷой дода мешаванд, ки бо рақамҳои арабӣ рақамгузорӣ карда шудаанд. Ҳар як бандро бо нишон додани иҷрокунандаи мушаххас оғоз намудан лозим аст. Сипас, амалҳои фармоишӣ баён гардида, муҳлати иҷро нишон дода мешавад .

63. Лоиҳаи фармоиш бо воҳидҳои сохторӣ ё шахсони мансабдори дахлдор мувофиқа карда мешавад. Манзурии мувофиқа дар нусхаи якуми лоиҳа гузошта мешаванд.

Ба лоиҳаи омодашуда ниҳоӣ танҳо шахси мансабдоре, ки ба фармоиш имзо мегузорад, метавонад тағйирот ворид намуда, дар як вақт санаи онро гузорад.

64. Фармоишҳо дар давоми соли тақвимӣ рақамгузорӣ карда мешаванд.

65. Ба рақами фармоиш оид ба ҳайати шахсӣ ба воситаи тире ҳарфи «Ҳ/Ш», ба фармоиш оид ба сафари хизматӣ ҳарфи «С/Х» ва ба фармоиши рухсатии меҳнатӣ ҳарфи «Р/М» илова карда мешавад.

## §6. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани маълумотномаҳо ва гузоришҳо

66. Матни маълумотнома ва гузориш бояд аз ду қисми асосӣ иборат бошад. Дар қисми якум далелҳое, ки барои тартиб додани ҳуҷҷат асос шудаанд ва дар қисми дуюм хулосаҳо ва пешниҳодҳо баён карда мешаванд.

67. Сана ё давраи вақти мансуб ба маълумоти дар маълумотнома ё гузориш баёнгардида бояд ба сарлавҳа ворид карда шаванд.

Масалан: «Оид ба санҷиши амалиётӣ дар ноҳияи Шаҳринав».

68. Маълумотнома ва гузоришномаҳои содира дар бланкҳо чоп карда, аз тарафи роҳбарият имзо карда мешаванд. Маълумотнома ва гузоришномаҳои дохилӣ дар варақи тозаи қоғази андозаи А4 чоп карда, аз тарафи мураттиби онҳо имзо карда мешаванд.

69. Маълумотномаҳое, ки бо дархости шаҳрвандон ва андозсупорандагон дода мешаванд, дар бланкҳо тартиб дода шуда, аз тарафи роҳбарият имзо ва бо муҳр тасдиқ карда мешаванд.

## §7. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани санадҳо

70. Матни санад бояд аз ду қисм иборат бошад: муқаддимавӣ ва муқарраротӣ.

71. Дар қисми муқаддимавӣ асосҳо барои тартиб додани санад нишон дода, тартибдиҳандагон ва иштирокчиён номбар карда мешаванд. Баъди калимаи «Асос» ҳуҷҷати амрдиҳӣ ё амри шифоҳӣ оид ба гузаронидани чорабинии санадшаванда нишон дода мешавад. Баъди калимаҳои «Тартиб дода шуд» вазифа ва насаб, ном ва номи падари шахсони иштирокдошта ҳангоми тартиб додани санад номбар карда мешавад.

72. Дар қисми муқарраротӣ мақсад ва вазифаҳои тартиб додани санад моҳият ва хусусияти кори анҷом додашуда, далелҳои муқарраргардида, инчунин хулоса ва пешниҳодҳо баён карда мешаванд.

73. Номи санад ба таври мухтасар бояд мазмуни ҳолат ё далели санадшавандаро инъикос намуда, ҷавоб ба саволи «Дар бораи ....»-ро дар бар гирад.

74. Ба санад шахсони дар тартиб додани он иштирокдошта имзо мегузоранд. Ҳангоми ба расмият даровардани имзоҳо вазифаҳо нишон дода намешаванд.

75. Шахсе, ки дар тартиб додани санад иштирок кардааст, агар бо фикри дигар иштирокчиён розӣ набошад ҳам, санадро имзо мегузорад ва ҳуқуқ дорад фикри махсуси худро дар шакли хаттӣ баён кунад, ки он бояд ба санад замима карда шавад.

76. Санадҳое, ки дар рафти санҷиши андоз ва дигар шаклҳои назорати андоз тартиб дода мешаванд, тибқи тартиби муқаррагардидаи Кумита ба расмият дароварда мешаванд.

## §8. Тартиби таҳия ва ба расмият даровардани мактуби хизматӣ, барқияҳо ва барқияи телефонӣ

77. Мактубҳои хизматӣ барои баён намудани хоҳиш (дархост), ҷавоб ба хоҳиш, инчунин ахбори дорои хусусияти иттилоотӣ тартиб дода мешаванд.

78. Мактубҳои ҳамроҳӣ фақат дар он мавриде тартиб дода мешаванд, ки онҳо хусусияти иҷро ё мақсади ирсоли ҳуҷҷати пешниҳодшударо шарҳ диҳанд.

79. Матни мактуб бояд аз ду қисми мантиқан ба ҳамдигар алоқаманд иборат бошад. Дар қисми аввал, далел ё ҳолатҳое, ки барои тартиб додани мактуб асос шудаанд ва дар қисми дуюми он хулосаю пешниҳод ва хоҳишҳо баён карда мешаванд.

80. Мукотиба ба воситаи телеграф танҳо барои масъалаҳои хусусияти таъҷилидошта амалӣ мешавад. Ҳангоми ҷавоб ба дархост пеш аз матни барқия, рақами ин дархост нишон дода мешавад. Дар охири матн (то имзо) рақами содира гузошта мешавад.

81. Барқия дар ду нусха чоп карда шуда, ба онҳо иҷрокунанда манзурӣ мегузорад. Барқия баъди имзо барои фиристодан ба воҳиди сохтори коргузорӣ супорида мешавад.

82. Барқияи телефонӣ барои расонидани маълумот ба воситаи телефон истифода мешавад. Ҳангоми фиристодани барқияи телефонӣ:

- ба кӣ ирсол шудан;
- вазифа ва насаб, ном, номи падари шахси ба он имзогузошта;
- сана ва вақти ирсол;
- рақами телефон, насаб, ном, номи падари шахси интиқолкунанда ва қабулкунанда нишон дода мешавад.

83. Дар баробари ин, нусхаи барқия ва барқияи телефонӣ ба суроғаи электронии иҷролкунанда, фиристода мешавад.

## 3. ТАШКИЛИ ГАРДИШИ ҲУҶҶАТ

### §1. Тартиби гардиш ва иҷрои ҳуҷҷатҳои ворида

84. Қабул ва коркарди ибтидоии муросилоти воридаро воҳиди сохтори коргузорӣ ба амал мебарорад.

85. Коркарди ибтидоии муросилоти ворида аз санҷиши дурустии ирсол ва мавҷудияти ҳуҷҷатҳо, омода намудани муросилот барои тибқи таъинот фиристодан иборат аст.

86. Муросилоти саҳван воридшуда тибқи таъинот фиристода мешавад.

87. Ҳамаи лифофаҳо, ба истиснои муросилоти шахсӣ ва мактубҳои ба нишонии кумитаи иттифоқи касаба ирсолшуда, кушода мешаванд. Ҳамзамон беосебии лифофаҳо ва миқдори ҳуҷҷатҳои дар онҳо мавҷуда санҷида мешавад. Дар сурати осеб ёфтани лифофаҳо, нарасидани ягон қисми ҳуҷҷатҳо, номутобиқатии рақамҳо дар лифофаи ҳуҷҷатҳо, тибқи намунаи муайянгардида дар се нусха санад тартиб дода мешавад. Як нусхаи санад дар воҳиди сохтории коргузорӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюм якҷоя бо ҳуҷҷатҳо мувофиқи таъинот ирсол мегардад ва нусхаи сеюм

ба ирсолкунанда баргардонида мешавад. Лифофаҳо, чун қоида, нобуд карда мешаванд, ба истиснои ҳолатҳое, ки агар суроғаи ирсолдиҳанда ё санаи ирсол ва гирифтани ҳуҷҷатро танҳо аз рӯи лифофа муқаррар кардан мумкин бошад.

88. Дар ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридотӣ, ҳатто агар саҳифа пурра бо матн фаро гирифта шуда бошад ҳам, ҳатман дар қисми поёнии кунҷи рости вараки якум муҳри бақайдгирӣ гузошта мешавад (замимаи 1).

Ҳуҷҷатҳо дар рӯзи ворид шуданашон ба қайд гирифта мешаванд.

89. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои ворида, ки аз тарафи дигар кормандони сохтори зертобеи Кумита қабул карда шудаанд, ҳатман барои бақайдгирӣ ба воҳиди сохтори коргузорӣ супорида мешаванд.

90. Ҳуҷҷатҳои тибқи тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта нашаванда, ҳуҷҷатҳои ба нишонии кумитаи иттифоқи касаба ва бо қайди «шахсан» воридгардида, бевосита тибқи таъинот фиристода мешаванд.

91. Ҳуҷҷатҳои воридгардида баъди ба қайд гирифтани онҳо дар дафтари ҳуҷҷатҳои воридотӣ барои баррасӣ ба роҳбарият пешниҳод карда мешаванд (замимаи 2).

92. Ҳуҷҷатҳо бояд дар рӯзи ворид шуданашон барои баррасӣ ба роҳбарият пешниҳод карда шаванд. Барқияҳо, барқияи телефонӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои таъҷилӣ барои баррасӣ ва иҷро дар навбати аввал пешниҳод карда мешаванд.

93. Агар дар ҳуҷҷатҳои воридгардида ба дигар ҳуҷҷатҳо ишора шуда бошад, пас дар ин сурат он ҳуҷҷатҳо дарёфт карда, якҷоя бо ҳуҷҷатҳои воридгардида ё маълумотномаи дахлдор ба роҳбарият пешниҳод карда мешаванд.

94. Ҳуҷҷатҳои дар рӯзҳои ғайрикорӣ, истироҳат ва рӯзҳои ид воридгардидаро навбатдори Кумита ё сохтори зертобеи он қабул намуда, ба роҳбарият пешниҳод менамояд ва сипас онҳо ба воҳиди сохтории коргузорӣ барои бақайдгирӣ супорида мешаванд.

95. Ҳуҷҷатҳои аз ҷониби шахсони ғайримасъул имзошуда, матни носаҳеҳ ё реквизитҳои зарурӣ надошта аз ҷониби воҳиди сохтории коргузорӣ ба ирсолкунанда бо зикри асосҳо пас баргардонида мешаванд.

96. Натиҷаҳои баррасӣ дар амрҳои хаттӣ инъикос меёбанд, ки дар қисми рости болои ҳуҷҷат, дар дигар ҷои холӣ аз матн ва дар вараҷаи алоҳида гузошта мешаванд. Амри хаттӣ бояд дорои нишондодҳои возеҳ ва мукаммал оид ба тартиб ва хусусияти иҷрои ҳуҷҷатҳо ва иҷрокунандагон бошад.

97. Ҳуҷҷатҳо бояд дар муҳлати муқарраргардида баррасӣ карда шаванд.

98. Ҳуҷҷатҳои воридгардида баъди баррасии роҳбарият барои дар сутуни дахлдори дафтари муросилоти воридотӣ ва воҳиди сохтории коргузорӣ ба қайд гирифтани амри хаттӣ баргардонида, тибқи таъинот фиристода мешаванд.

99. Ба воҳидҳои сохтории Дастгоҳи марказии Кумита барои иҷро нусхаҳои аслии ҳуҷҷатҳо ва ба шарикони иҷрокунанда бошад, нусхаҳои онҳо дода мешавад.

100. Шахсе, ки дар амри хаттӣ якум нишон дода шудааст, масъули иҷрои ҳуҷҷат мебошад. Маъсули иҷро ҳуқуқи аз ҳамиҷрочиён даъват ва талаб намудани маълумотҳои иловагӣ вобаста ба баррасии ҳуҷҷатро дорад.

101. Ҳамиҷрочиён ухдадоранд, ки бо дархости масъули иҷро ба ӯ тамоми маводи зарурири пешниҳод намоянд. Ҳамиҷрочиён барои сари вақт ва хушсифат омода намудани лоиҳаи ҳуҷҷатҳо масъулияти баробар доранд.

102. Нусхаҳои аслии воридгардидаи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи онҳо, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумита дар воҳиди сохтории коргузорӣ нигоҳ дошта шуда, ба иҷрокунандагон нусхаҳои онҳо дода мешавад.

103. Роҳбарони Кумита ва сохторҳои зертобеи он вазифадоранд, ки тамоми муросилоти ба фаъолияташон дахлдорро аз воҳидҳои сохтории коргузорӣ қабул намоянд.

104. Ҳуҷҷатҳои иҷрогардида барои ба парванда дӯхтан ба он воҳидҳои сохторӣ ё кормандоне, ки парвандаҳоро аз рӯи масъалаҳои дахлдор тибқи феҳрасти парвандаҳо тартиб медиҳанд, баргардонида мешаванд.

## §2. Тартиби гардиши ҳуҷҷатҳои содиротӣ ва дохилӣ дар рафти омода намудани онҳо

105. Иҷрокунанда то пешниҳоди ҳуҷҷати барои имзо омодашуда , бояд мундариҷа, дурустии ба расмият даровардани он ва мавҷудияти иловаҳоро санҷад. Хуҷҷат барои имзо якҷоя бо маводе, ки дар асоси онҳо омода шудааст, пешниҳод карда мешавад.

106. Лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳо баъди омода ва мувофиқакунӣ бо кормандони манфиатдори мақомоти андоз (муовини (мутасаддӣ)-и Раис ва шарикони иҷрокунанда) барои баррасӣ ва имзо ба роҳбарият пешниҳод карда мешаванд.

107. Ҳуҷҷатҳои аз тарафи роҳбарият имзошуда дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ, дохилӣ ба қайд гирифта шуда ва барои ирсол ба воҳиди сохтории коргузорӣ баргардонида мешаванд (замимаи 3).

108. Ҳуҷҷатҳо барои ирсол намудан дар шакли пурра ба расмият даровардa, супорида мешаванд. Воҳиди сохтории коргузорӣ дурустии ба расмият дароварда шудани ҳуҷҷатҳо ва мавҷудияти иловаҳои дар ҳуҷҷати асосӣ нишондодашударо санҷида, лифофаро ба расмият медарорад ва худи ҳамон рӯз ба мақоми дахлдори алоқа ё ба муаллифи ҳуҷҷат ирсол намуда, месупорад.

109. Ҳуҷҷатҳои дохилӣ дар доираи Дастгоҳи марказии Кумита омода, ба расмият дароварда, иҷро (истифода бурда) карда мешаванд.

110. Гузоришҳо ба номи роҳбарият, маълумотномаҳо, маълумотҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои хусусияти фаврӣ дошта баъди баррасӣ ва иҷрои онҳо дар парвандаи дахлдор ҷойгир карда мешаванд.

## §3. Тартиби қабул ва супоридани ҳуҷҷатҳо

111. Қабул ва супоридани ҳуҷҷатҳои ворида, содира ва дохилӣ дар ҳамаи марҳилаҳои гардиш бо гузоштани имзо амалӣ мешавад. Супоридани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби як воҳиди сохторӣ ба воҳиди сохтории дигар ё аз як корманд ба корманди дигар ҳатман тавассути воҳиди сохтории коргузорӣ сурат гирифта, дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳо оид ба гардиши ҳуҷҷатҳо қайд карда мешавад.

112. Дар Кумита ва сохторҳои зертобеи он коргузориро корманди масъуле, ки аз тарафи роҳбар вобаста карда мешавад, ба ҷо меорад.

Корманди масъул ҳуҷҷатҳоро бо гузоштани имзо аз воҳиди сохтории коргузорӣ қабул намуда, дар дафтари бақайдгирии дохилӣ қайд намуда, иҷроиши онро бояд назорат кунад. Корманди масъул бояд тартиби коргузориро дар алоқа бо кормандони воҳиди сохтории коргузорӣ ба роҳ монад.

113. Дар ҳолатҳои алоҳида ҳуҷҷатҳои ирсолшавандаи таъҷилӣ ба вазорату идораҳо ва дигар мақомотҳо аз рӯи рӯйхати самтҳо (тариқи имзо) ба воситаи кормандони масъул фиристода мешаванд.

114. Фиристодани ҳуҷҷатҳо бидуни воҳиди сохтории коргузорӣ манъ аст.

## §4. Бақайдгирии ҳуҷҷатҳо

115. Ҳуҷҷатҳоро воҳиди сохтории коргузорӣ ба таври мутамарказ ба қайд мегирад. Ҳуҷҷатҳои дар замимаи 4 Дастурамал нишон додашуда ба қайд гирифта намешаванд.

116. Ҳар як ҳуҷҷат як маротиба ба қайд гирифта мешавад. Ҳуҷҷатҳои воридотӣ дар рӯзи ворид шуданашон, содиротӣ ва дохилӣ бошанд, дар рӯзи ба имзорасӣ ба қайд гирифта мешаванд.

117. Бақайдгирии ҳуҷҷатҳо дар барномаи «Ҳуҷҷатгузории электронӣ» бо тартиби зерин анҷом дода мешавад:

- Раёсати ташкили гардиши ҳуҷатҳо ва коргузории Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридотию содиротӣ ва дохилиидоравиро дар барномаи «Ҳуҷҷатгузории электронӣ» бақайд гирифта, нусхаҳои ҳуҷҷатро тариқи сканер ба барнома ворид менамояд;

- Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ нусхаҳои аслии ҳамаи ҳуҷҷатҳои воридотию содиротии Кумитаи андозро барои баррасии минбаъда ба иҷрокунандагони якум ва ба дигар ҳамиҷрочиён тавассути барномаи «Ҳуҷҷатгузории электронӣ» ирсол менамояд;

- сарраёсатҳо, раёсатҳои дастгоҳи марказии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳудудии андоз ва корхонаҳои назди Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон уҳдадоранд ҳамарӯза ҳуҷҷатҳои аз тариқи барномаи «Ҳуҷҷатгузории электронӣ» (http://doc2.andoz.tj) воридшударо дар ҳомили коғазӣ чоп намуда, дар дафтарҳои алоҳида ба қайд гирифта, иҷрои онро дар муҳлатҳои муқарраршуда таъмин намоянд;

- бо мақсади тақвият бахшидан ба пешбурди коргузорӣ дар шакли электронӣ ва сарфаи маблағҳои буҷетӣ ба мақомоти ҳудудии андоз ва корхонаҳои назди Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути КВД «Алоқаи махсус» дастрас намудани муросилот дар шакли коғазӣ (ба истиснои ҳуҷатҳои махфӣ, комилан махфӣ ва муросилоти аз хориҷа воридшаванда) манъ мебошад.

118. Шохиси (индекси) ҳуҷҷатҳои ворида, содира ва дохилӣ, чун қоида аз рақами тартибии бақайдгирии ҳуҷҷат ва шохиси парванда аз рӯи феҳраст иборат аст. Шохиси (индекси) раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва дигар воҳидҳои сохтори мақомот аз ҷониби Кумита муайян ва тасдиқ карда мешавад.

Масалан: № 286/7.1-10 аз 15.04.23 — Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумотҳоро оид ба корҳои фаҳмондадиҳӣ дар нимсолаи аввали соли 2023 пешниҳод менамояд».

Раис — имзо — ному насаб

дар ин ҷо “286” – рақами тартибии бақайдгирӣ, “9.1” – шохиси (индекси) Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон (иҷрокунанда) ва “10” шохиси парванда аз рӯи феҳраст мебошад.

119. Барои бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ, содиротӣ ва дохилӣ дафтарҳои зерин истифода бурда мешаванд:

- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ;
- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ;
- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои дохилӣ ва дигар дафтарҳои ба фаъолият алоқаманд;
- дафтари бақайдгирии қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дафтари бақайдгирии дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла санадҳои байналмилалӣ;
- дафтари бақайдгирии амрҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- дафтари бақайдгирии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- дафтари бақайдгирии супоришҳои хаттӣ ва протоколҳои маҷлисҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва протоколҳои маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дафтари бақайдгирии супоришҳои хаттӣ ва протоколҳои маҷлисҳои назди Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- дафтари бақайдгирии муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

- дафтари бақайдгирии барқияҳои ҳукуматӣ ва дигар барқияҳои телефонӣ;

- дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои баргардонидашуда.

Дафтарҳои бақайдгирии ҳуҷҷатҳо тибқи замимаҳои Дастурамал ва дигар тартибҳо муқарраркардашуда аз ҷониби Кумита ба расмият даровarda шуда, ба сохторҳои зертобеи мақомот барои дуруст ба роҳ мондани коргузорӣ пешниҳод карда мешаванд.

120. Муроҷиатҳое, ки хусусияти шикоятиро надоранд, дар дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ тибқи тартиби муқарарнамудаи Дастурамали мазкур ба қайд гирифта мешаванд.

## §4. ТАШКИЛИ НАЗОРАТИ ИҶРОИ ҲУҶҶАТҲО

121. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои муҳими давлатӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки бояд иҷро карда шаванд, аз ҷумла қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Роҳбарони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, дархостҳо, супоришҳои мақомоти болоӣ, қарору протоколҳои Мушовараи Кумитаи андоз, фармоиш ва супоришҳои роҳбарияти Кумитаи андоз таҳти назорат гирифта мешаванд.

122. Иҷрои ҳуҷҷатҳои нисбатан муҳими дохилӣ низ бояд назорат карда шавад.

123. Ҷиҳати ташкили назорати иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратӣ ба унвони воҳиди сохтории дахлдор варақаи назоратӣ дар ду нусха пур карда шуда, бо имзои роҳбари воҳиди сохтории коргузорӣ ё шахси мансабдори мутасаддӣ тасдиқ карда мешавад.

124. Тартиби ба назорат гирифтан ва аз назорат баровардани ҳуҷҷатҳои назоратӣ, инчунин ҳолатҳои тамдид кардани мӯҳлатҳои иҷро вобаста ба хусусиятҳои ташкили кор дар Дастурамали мазкур муқаррар карда мешавад.

125. Ба раванди иҷрои ҳуҷҷатҳо ва супоришҳои дар онҳо буда, роҳбарияти Кумитаи андоз тавассути воҳиди сохтории коргузорӣ ва ё шахсони алоҳидаи масъул назорат мебарад.

126. Ба назорат гирифтани ҳуҷҷатҳои назоратӣ ба тариқи кушодани варақаҳои назоратии шакли муқарраршудаи А5 андозааш 148х210мм тибқи (замимаи 5) амалӣ карда мешавад.

127. Мӯҳлати иҷрои ҳуҷҷат аз лаҳзаи ба мақомот ворид шудани он ҳисоб карда мешавад.

128. Ҳуҷҷатҳо бояд дар мӯҳлатҳои зерин иҷро (баррасӣ) карда шаванд:

- қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон – мувофиқи талаботи қонунгузорӣ;

- таҳияи санадҳои зерқонунӣ – тибқи муҳлатҳои муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳо ва фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо муқарраршуда;

- дархостҳо ва мактубҳои узви Маҷлиси миллӣ, вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷуиҳурии Тоҷикистон ва Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ вобаста ба фаъолияти вакилии онҳо то як моҳ, агар омӯзиш ва санҷиши иловагиро талаб нанамоянд – бетаъхир;

- супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент ва муовинони ӯ – як моҳ ё мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- супоришҳои Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президент ва муовинони ӯ дар хусуси ба Ҳукумат ва Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудани иттилоот, ҳуҷҷатҳо ва дигар маводи зарурӣ дар муҳлати панҷ рӯз аз рӯзи қабул гардиданашон, агар муҳлати дигар нишон дода нашуда бошад;

- мактубҳо ва арзу шикоятҳои шахсони воқеи ва ҳуқуқӣ – мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурофиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»;

- қарорҳои ҳайати мушовара, фармоиш ва супоришҳои роҳбари Кумита – мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- мактуб, дархостҳо ва супоришҳои ташкилотҳои болоӣ – то даҳ рӯзи корӣ ё мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда;

- мактуб ва арзу шикоятҳои шаҳрвандон ва андозсупорандагон – то сӣ рӯз ё мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мурофиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ” ва «Тартиби коргузорӣ ва баҳисобгирии оморӣ оид ба мурофиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ»;

- барқияҳои телефонӣ – мувофиқи муҳлатҳои дар онҳо зикршуда ё вобаста ба таъҷилӣ будани масъала.

129. Агар дар санадҳои Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин протоколҳои маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлиси назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳлати иҷрои дастур, супориш, чорабинӣ, бандҳо ба таври мушаххас муайян нашуда бошад, пас муҳлати назоратии иҷро вобаста ба муҳтавои супориш, дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи зайл муқаррар карда мешавад:

- амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар се моҳа, нимсола ва солона;

- амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар семоҳа;

- қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар семоҳа;

- фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар семоҳа;

- протоколҳои машваратҳои назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҳар семоҳа;

- протоколҳои маҷлисҳои раёсат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳар семоҳа;

- протоколҳои маҷлиси назди Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар моҳ;

- барномаҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва нақшаҳои чорабиниҳо-ҳар нимсола, солона;

- иҷрои нақшаи чорабиниҳо, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд - ҳар нимсола, солона;

- иҷрои нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон – ду моҳ қабл аз моҳи нишондодашуда.

130. Бо мақсади дар сатҳи муносиб ташкил ва ҳамоҳанг намудани раванди назорати иҷро воҳиди сохтории коргузории мақомот метавонад мӯҳлати иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратиро дар мувофиқа бо воҳидҳои сохтории дахлдор ва мақомоти болоӣ муайян намояд, дар варақаҳои назоратӣ нишон диҳад.

131. Ҳуҷҷат ҳамон вақт иҷрогардида ҳисобида мешавад, ки тамоми масъалаҳои дар он ба миён гузошташуда ҳал гардидаанд ва ба муаллиф (агар андозсупорандагон тибқи моддаи 88 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми ҳуҷҷат ва маводҳои алоқаманд ба масъалаи ба миёнгузошташударо манзур намуда бошанд) ҷавоби саҳеҳ дода шавад.

132. Маълумот оид ба вазъи интизоми иҷроия ва натиҷаҳои иҷрои ҳуҷҷатҳои назоратшаванда аз тарафи воҳиди сохтории коргузорӣ ё шахсони алоҳидаи масъул ба ҳолати 1-уми ҳар моҳ ҷамъбаст шуда, ба маълумоти роҳбарият расонида мешаванд.

133. Масъулияти назорат ва гузаронидани монитогринг аз рӯи иҷрои супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарвазир ва муовинони ӯ, Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ, иҷрои мактубҳои воридотии вазорату идораҳои давлатӣ ва мурочиатҳои шаҳрвандон бевосита ба зиммаи Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ вогузор буда, роҳбарони сарраёсатҳо ва раёсатҳои Дастгоҳи марказӣ ва воҳидҳои ҳудудии мақомоти андоз барои саривақт омода намудан ва ба роҳбарияти Кумитаи андоз пешниҳод намудани мактубҳои ҷавобӣ масъулияти шахсӣ доранд.

Дар асоси таҳлил барои тезонидани ҷараёни иҷрои ҳуҷҷатҳо ва баланд бардоштани интизоми иҷроия, такмили ташкили назорат ва идоракунӣ дар маҷмӯъ дастуру супоришҳо таҳия карда мешаванд.

133. Ҳамаи мактубҳои воридотӣ аз ҷумла, супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мактубҳои вазорату идораҳо, шаҳрвандон ва андозсупорандагон, инчунин дигар маълумотҳо, ки дар шакл электронӣ

ворид мегарданд, тибқи тартиби муқарраршуда ҷиҳати иҷро қабул карда шуда, мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

134. Кумитаи андоз метавонад мактубҳои дастурию тавзеҳотӣ, фармоиш ва дигар ҳуҷҷатҳоро ба мақомоти ҳудудии андоз дар шакли электронӣ ирсол намояд, ки иҷрои он аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ҳатмист.

135. Сардорони сарраёсату раёсатҳои дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати таъмини иҷрои саривақтии мактубҳои ба тариқи электронӣ воридгардида масъул мебошанд.

## 5. ТАРТИБ ДОДАНИ ФЕҲРИСТ ВА ТАШКИЛ НАМУДАНИ ПАРВАНДАҲО

### §1. Тартиб додани феҳристи парвандаҳо

136. Ҳуҷҷатҳо баъди иҷрои (истифодаи) онҳо дар парвандаҳои иборат аз маҷмӯи ҳуҷҷатҳои мансуб ба масъалаи муайян ва дар муқоваи алоҳида дӯхташуда, гуруҳбандӣ карда мешаванд.

137. Бо мақсади дуруст ба тартиб даровардани парвандаҳо, ки ҷустуҷӯи фаврии ҳуҷҷатҳоро аз рӯи мазмун ва навъ таъмин мекунад, феҳристи парвандаҳо тартиб дода мешавад, ки он рӯйхати батанзимдаровардаи номгӯи парвандаҳое мебошад, ки бо нишон додани муҳлати нигаҳдории онҳо дар коргузорӣ ҷорӣ карда мешавад.

138. Феҳристи парвандаҳоро воҳиди сохтории коргузорӣ якҷоя бо дигар шахсони мутасаддии Кумитаи андоз ва сохторҳои зертобеи он тартиб медиҳад. Феҳристи парвандаҳои тартибдодашуда бо бойгонии давлатии дахлдор мувофиқа карда, аз тарафи роҳбарият тасдиқ ва аз 1 январи соли нави тақвимӣ мавриди амал қарор дода мешавад (замимаи 6).

139. Феҳристи тасдиқкардашуда дар мавриди тағйир ёфтани сохтори ташкилот бояд аз нав тартиб ва тасдиқ карда шавад. Агар чунин тағйирот рӯй надиҳад, феҳристи парвандаҳо дар охири ҳар сол танҳо дақиқ ва аз нав чоп карда мешавад.

140. Ба феҳристи парвандаҳо ҳамаи ҳуҷҷатҳое, ки ҳам дар дохили ташкилот таҳия мешаванд ва ҳам аз берун ворид мегарданд, дохил карда мешаванд.

Ба феҳристи парвандаҳо нашрияҳои чопӣ, китобчаҳо, маълумотномаҳо, варақаҳо ва дигар нашрияҳои ба инҳо монанд ворид карда намешаванд.

141. Шохиси парвандаҳо дар феҳрист аз аломати воҳиди сохторӣ ва рақами тартибии парванда дар ҳудуди воҳиди сохторӣ ё самти фаъолият иборат аст.

142. Номи парвандаҳо аз рӯйи аҳамиятнокии ҳуҷҷатҳо, ки дар парванда ташкил шудааст, дар фаслҳои дахлдори феҳрист ҷойгир карда мешавад.

143. Номи парванда бояд мазмун ва таркиби асосии ҳуҷҷатҳои парвандаро дар шакли возеҳ ва ҷамъбастӣ инъикос намояд.

144. Номи парвандаҳо оид ба масъалаҳои дар давоми сол ҳалнагардида «гузаранда буда», бо ҳамон шохис ба феҳристи парвандаҳои соли оянда и ташкилот гузаронида мешаванд.

145. Агар дар давоми сол дар фаъолияти мақомот соҳаҳои нави корӣ ва корҳои пешбининашудае, ки бояд ҳуҷҷатнок карда шаванд, ба вуҷуд омада бошанд, онҳо ба таври илова ба феҳристи парвандаҳо ворид карда мешаванд. Бо ин мақсад дар ҳар як фасли феҳрист рақамҳои эҳтиётӣ гузошта мешаванд.

146. Баъди ба охир расидани соли коргузорӣ дар охири феҳрист оид ба миқдори парвандаҳои ташкилкардашуда, сабти ҷамъбастӣ карда мешавад (замимаи 7).

147. Воҳиди сохтори коргузорӣ дар мувофиқа бо сараёсатҳо ва раёсатҳои дахлдори Кумита лоиҳаи феҳристи намунавии парвандаҳоро дар Кумита ва сохторҳои зертобеи онро омода ва таҳия намуда, барои тасдиқ ба Раиси Кумита пешниҳод менамояд.

148. Раиси Кумита феҳристи намунавии парвандаҳоро тасдиқ намуда, воҳиди сохтори коргузорӣ барои коргузорӣ ба Кумита ва сохторҳои зертобеи он пешниҳод менамояд.

## §2. Ташкил намудани парвандаҳо

149. Ҳуҷҷатҳои иҷрошуда ва мутаносибан ба расмият даровардашуда гуруҳбандӣ шуда, дар парванда ба тартиб дароварда мешаванд. Батартибдарории парвандаҳо тибқи феҳристи парвандаҳо дар воҳидҳои сохторӣ дар ҷойи иҷрои ҳуҷҷатҳо амалӣ карда мешавад.

150. Яке аз талаботҳои асосӣ ҳангоми ба тартибдарории ҳуҷҷатҳо, ин дар парвандаҳои алоҳида тартиб додани ҳуҷҷатҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва муваққатӣ мебошад.

151. Ҳангоми батартибдарории парвандаҳо қатъӣ риоя намудани ҳаҷм ва таркиби ҳуҷҷатҳое, ки бояд дар ин парванда ҷой дода шаванд, зарур аст. Ба парванда ворид намудани ҳуҷҷатҳои ба он мансубнабуда, инчунин сиёҳнависҳо, вариантҳо ва нусхаҳои зиёдшуда мумкин нест. Ҳар як парванда набояд аз 250 саҳифа зиёд бошад.

152. Ҳуҷҷатҳо дар дохили парванда аз рӯйи тартиби ҳалли масъалаҳо тибқи хронология ва шохисбандӣ ҷойгир карда мешаванд.

153. Фармоишҳо оид ба ҳайати шахсӣ аз фармоишҳо оид ба фаъолияти асосӣ ҷудо гуруҳбандӣ карда мешаванд.

154. Нақшаҳо, ҳисоботҳо ва харҷномаҳо аз лоиҳаҳои ин ҳуҷҷатҳо ҷудо гуруҳбандӣ карда мешаванд.

155. Ҳуҷҷатҳо дар парвандаҳои шахсӣ бо тартиби зерин ҷойгир карда мешаванд:

- рӯйхати дохилии ҳуҷҷатҳо, ки дар парвандаи шахсӣ мавҷуд аст;
- ариза дар бораи ба кор қабул кардан, роҳхат ё пешниҳод;
- пурсишнома, варақаи баҳисобгирии кадрҳо;
- ҳолнома;
- ҳуҷҷатҳо оид ба маълумот;

- нусхаи фармоишҳо оид ба таъинот, аз ҷое ба ҷое гузаронидан, озод кардан.

156. Варақаҳои шакли Т-2 (варақаи шахсии корманд – ҳуҷҷати ба як шакли муайян даровардашуда мебошад, ки дар асоси фармоиши роҳбари мақомот дар бораи қабул ба кор, аз ҷониби кормандони ҳамаи соҳаҳо пур карда мешавад, ки намунаи он аз ҷониби мақомоти омор тасдиқ карда мешавад) аз рӯйи тартиби алифбоӣ ҷойгир карда мешаванд.

157. Мукотибот дар парванда дар давраи соли тақвимӣ гуруҳбандӣ карда мешаванд.

Дар парвандаи мукотибот ҳамаи ҳуҷҷатҳои дар ҷараёни ҳалли масъала таҳияшуда ҷой дода мешаванд. Мукотибот бо пайдарҳамии хронологӣ мураттаб гардонида мешаванд: ҳуҷҷат-ҷавоб баъди ҳуҷҷат-дархост ҷойгир карда мешавад. Ҳангоми аз нав оғоз намудани мукотиба оид ба масъалаи муайян ҳуҷҷатҳо ба парвандаи соли ҷорӣ бо нишон додани шохиси парвандаи соли гузашта, ки дар он ҳуҷҷатҳо оид ба ин масъала нигоҳ дошта мешаванд, ворид карда мешаванд.

Мукотибот бо ташкилотҳои болоӣ аз рӯи масъалаҳои мушаххас гуруҳбандӣ мешавад.

## 6. ОМОДА НАМУДАНИ ҲУҶҶАТҲО БАРОИ НИГОҲДОРӢ, ИСТИФОДАБАРИИ МИНБАЪДА, ТАРТИБИ НОБУД СОХТАНИ ОНҲО

### §1. Ташхиси илмӣ ва амалии муҳимияти ҳуҷҷатҳо

158. Ташхиси муҳимияти ҳуҷҷатҳо ин муайян намудани аҳамиятнокии сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва дигар аҳамияти ҳуҷҷатҳо бо мақсади ҷудо намудани онҳо барои нигоҳдории минбаъда ё нобудкунӣ мебошад.

159. Ташхиси муҳимияти ҳуҷҷатҳо аз тарафи кормандони воҳидҳои сохторӣ таҳти роҳбарии методии комиссияи ташхисии (КТ) доимоамалкунандаи ташкилот амалӣ карда мешавад.

160. Интихоби ҳуҷҷатҳо барои нобудкунӣ бо санади шакли муайян ба расмият дароварда мешавад. Санадҳоро комиссияи ташхисӣ баррасӣ намуда, ба онҳо раис ва аъзои ин комиссия имзо мегузоранд ва роҳбарияти мақомот тасдиқ менамояд.

Ҳуҷҷат ва парвандаҳои ба санад ворид кардашуда танҳо баъди аз тарафи мақомоти бойгонии давлатӣ тасдиқ кардани рӯйхатҳои парвандаҳои мӯҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва муваққатии давраи дахлдор нест карда мешаванд.

### §2. Тартиб додани парвандаҳо

161. Дар оғози сол дар ҳар як воҳиди сохторӣ тибқи феҳристи парвандаҳо муқоваи парвандаҳои ташкилшаванда тартиб дода мешавад.

162. Тартиб додани парвандаҳо аз навиштани муқоваи парвандаҳо, ҷузъбандӣ, рақамгузории варақҳо ва таҳияи навиштаҷоти тасдиққунанда иборат аст.

Парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуддат (аз 10 сол ва зиёда аз он) дар муқоваи сахт муқовабандӣ шуда, варақҳояшон рақамгузорӣ карда мешаванд. Дар охири парвандаҳо дар саҳифаи алоҳида навиштаҷоти тасдиққунанда гузошта мешавад.

Парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон муваққатӣ (то 10 соли пурра) ба таври муқаррарӣ ба расмият даровarда мешаванд: онҳо муқовабандӣ, варақҳояшон рақамгузорӣ, рӯйхати парвандаҳо тартиб дода намешавад ва баҳисобгирӣ аз рӯи феҳристи парвандаҳо амалӣ мешавад.

163. Навиштаҷот дар муқоваи парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуҳлат бояд ба таври возеҳ, бо ранги сиёҳи офтоббардор ё туши сиёҳ анҷом дода шаванд.

164. Оид ба масъалаҳои мураккаби вобаста ба расмият даровардани парвандаҳое, ки бояд ба нигоҳдории давлатӣ супорида шаванд, бо бойгонии давлатии дахлдор машварат намудан зарур аст.

## §3. Ба рӯйхат гирифтани ҳуҷҷатҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ва дарозмуҳлат

165. Баъди ба охир расидани соли коргузорӣ аз рӯи натиҷаҳои ташхиси гузаронидашудаи муҳимияти ҳуҷҷатҳо парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ ҷудо карда мешаванд, ки бояд ба рӯйхат дохил карда шаванд (замимаи 8).

166. Рӯйхат аз тарафи воҳиди сохтори коргузорӣ бо ёрии методии бойгонии давлатии дахлдор тартиб дода мешавад. Рӯйхатҳои солонаи парвандаҳо бояд аз тарафи комиссияи ташхису тафтишотии (КТТ) хадамоти бойгонии давлатӣ тасдиқ карда шаванд.

167. Рӯйхатҳо ба парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ, дарозмуҳлат ва ҳайати шахсӣ алоҳида тартиб дода мешаванд.

168. Ҳар як парванда (ҷилд) тибқи рӯйхат рақами тартибии мустақил дорад. Парвандаҳо дар рӯйхатҳо аз рӯи феҳристи парвандаҳо мураттаб гардонида мешаванд.

## §4. Таъмини ҳифзи ҳуҷҷатҳо

169. Барои ҳифзи ҳуҷҷатҳои ташкилотҳои воҳиди сохтории коргузорӣ ва роҳбарони воҳидҳои сохторӣ масъул мебошанд.

Парвандаҳо аз лаҳзаи оғоз дар коргузорӣ то вақти супоридан ба бойгонии ташкилот ё нобудкунӣ, дар утоқҳои корӣ, дар ҷевонҳои пӯшидашаванда ё биноҳои маҳкамшавандаи махсус ҷудокардашуда нигоҳ дошта мешаванд.

170. Гирифтан ва додани нусхаи аслии ҳама гуна ҳуҷҷат аз парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ манъ аст. Дар ҳолатҳои истисно (масалан, бо талаби мақомоти судӣ-тафтишотӣ) гирифтани

ҳуҷҷатҳо бо иҷозати роҳбарият, бо роҳи дар парванда ҳатман гузоштани нусхаи аслии тасдиққардашудаи ҳуҷҷати гирифташуда ва гузоштани санад оид ба гирифтани нусхаи аслӣ, ба амал бароварда мешавад.

## §5. Супоридани парвандаҳо ба бойгонии ташкилот

171. Парвандаҳои мӯҳлати нигоҳдории доимӣ ва дарозмуҳлат баъди як соли ба охир расидани онҳо дар коргузории воҳидҳои сохторӣ ба бойгонии мақомот супорида мешаванд. Парвандаҳои мӯҳлати нигоҳдориашон муваққатӣ (то 10 сол) ба бойгонӣ супорида нашуда, дар воҳидҳои сохторӣ нигоҳ дошта мешаванд.

172. Бойгонии ташкилот парвандаҳоро аз рӯи рӯйхат ё феҳристи парвандаҳо қабул менамояд.

Агар парвандаҳои алоҳидаро дар коргузорӣ барои кори ҷорӣ мондан зарур бошад, он гоҳ бойгонӣ барои ба истифодаи муваққатӣ додани онҳоро ба расмият медарорад.

## §6. Тартиби нобуд сохтани ҳуҷҷатҳо

173. Рӯйхати ҳуҷҷатҳои нобудшавандаро воҳиди сохтории коргузорӣ якҷоя бо кормандони мақомот тартиб медиҳанд, санади нобудсозии ҳуҷҷатҳо тартиб дода шуда, бо бойгонии давлатии дохлдор мувофиқа гардида, аз тарафи роҳбарият тасдиқ карда мешавад.

174. Нобудсозии ҳуҷҷатҳо бояд ба қоидаҳои зерин мувофиқат кунад:

- қонунӣ ба расмият даровардa шавад (санад оид ба нобудсозӣ);
- эътимоднок ва махфӣ бошад (аз байн бурдани имконияти азнавбарқароркунӣ);
- гирифтани иҷозати хаттӣ барои нобудсозӣ аз комиссияи ташхисии ташкилот;
- дар ҳузури комиссияи ташхисӣ гузаронида шавад.

175. Танҳо ҳамон ҳуҷҷатҳое нобуд карда мешаванд, ки аз ташхиси муҳимияти ҳуҷҷат гузоштаанд ва онҳое, ки мӯҳлати нигахдориашон гузаштааст.

176. Тартиби асосии нобуд сохтани ҳуҷҷатҳои қоғазӣ аз рӯйи дараҷаи махфият ин резакунӣ ё сӯзонидан мебошад.

177. Ҳангоми нобуд сохтани ҳуҷҷатҳо берун аз ҳудуди мақомот интиқоли онҳо то ҷойи нобудсозӣ тавассути нақлиёти хизматӣ анҷом дода шуда, аз натиҷаи нобудсозӣ санад тартиб дода шуда, ҷиҳати ба шахсони бегона дастрасӣ пайдо накардан, чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

## §7. ИСТИФОДАИ ВОСИТАҲОИ ТЕХНИКӢ ҲАНГОМИ ТАҲИЯИ ҲУҶҶАТҲО, КОРҲОИ НУСХААФЗОӢ ВА САБТИ МАГНИТӢ

178. Дар ҷараёни кор бо ҳуҷҷатҳо дар мақомот компютерҳо ва дигар воситаҳои техникии электронӣ, аз ҷумла аудиоӣ ва видеоӣ истифода бурда

мешаванд. Роҳбарии методии таҳияи ҳуҷҷатҳоро бо истифодаи воситаҳои техникӣ корманди масъули ташкилот анҷом медиҳад.

179. Нусхаафзоии ҳуҷҷатҳо зери назорати қатъии роҳбари воҳиди сохторӣ анҷом дода мешавад. Нусхаафзоӣ намудани ҳуҷҷатҳои ғайрихизматӣ ва дорои муҳри махфӣ манъ аст.

180. Мутахассиси масъули воҳиди сохтории коргузорӣ ҷиҳати ҳифзи маълумоти ҳуҷҷатҳои нусхашуда, пешгирӣ намудани нусхаафзоии барзиёд ва ғайриқонунӣ, дастрас нагардидани нусхаи ҳуҷҷатҳо ба дигар шахсон, масъул мебошад.

181. Сабти магнитии чорабиниҳое, ки дар мақомот баргузор мегарданд, аз ҷониби воҳиди сохтории дахлдори ташкилот анҷом дода мешавад. Рамзхонии сабти чорабиниҳо дар мавриди зарурат бо иҷозати роҳбари мақомот ба ҷо оварда мешавад. Сабтҳои магнитии ҷаласаҳо, дигар чорабиниҳо бо тартибе, ки барои ҳуҷҷатҳои дорои муҳри «Барои истифодаи хизматӣ» муқаррар гардидааст, нигоҳ дошта мешаванд.

182. Тартиби истифодаи компютерҳо, принтерҳо, сканерҳо, дастрасӣ ба захираҳои муштараки иттилоотӣ, истифодаи воситаҳои ҳифзи ҳуҷҷатҳо аз истифодаи ғайриқонунӣ ба таври алоҳида аз ҷониби шахсони мутасаддии Кумита дар мувофиқа бо роҳбарият муайян карда мешавад.

183. Ҳангоми ба кор қабул кардани корманд аз ҷониби корфармо, маҳорати амалии кор бо воситаҳои техникӣ санҷида мешавад.

Замимаи 1

ба Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеи он.

Шакли муҳри бақайдгирӣ



Замимаи 2

ба Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеи он.

## Дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои воридотӣ

| № р/т | Санаи воридшавии ҳуҷҷат | № ва шохиси ҳуҷҷати воридшуда | Ирсолкунанда | Мазмуни мухтасар | Шумораи саҳифаҳо/замима | Амри хаттӣ ё ба кӣ фиристода шудани ҳуҷҷат | Муҳлати ичрои ҳуҷҷат | Қайд дар бораи ичро ва рақами парвандае, ки ҳуҷҷат ба он дӯхта шудааст |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

Замимаи 3

ба Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеи он.

## Дафтари бақайдгирии ҳуҷҷатҳои содиротӣ ва дохилӣ

| № р/т | Сана ва шохиси ҳуҷҷат | Ирсолкунанда | Мазмуни мухтасар | Қайд дар бораи ичрои ҳуҷҷат ва рақами парвандае, ки ҳуҷҷат ба он дӯхта шудааст | Шумораи саҳифаҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |

Замимаи 4

ба Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеи он.

Рӯйхати ҳуҷҷатҳое, ки аз тарафи воҳидҳои сохтории коргузорӣ ба қайд гирифта намешаванд.

1. Маълумот дар бораи ҷаласаҳо, машваратҳо ва рӯзнома
2. Ҷадвалҳо, супоришномаҳо, дархостҳо, тақсимбандиҳо
3. Нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо (нусхаҳо)
4. Огоҳномаҳои эълонӣ, овезаҳо, барномаҳои машваратҳо, конференсияҳо
5. Номаҳои табрикотӣ ва даъватномаҳо
6. Нашрияҳои чопӣ (китобҳо, маҷаллаҳо, варақаҳо)
7. Намунаҳои ҳисобот оморӣ
8. Ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ.

Замимаи 5

ба Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеи он.

Саҳифаи 1

ВАРАҚАИ НАЗОРАТӢ

Номи ҳуҷҷат:

аз ____________________ с.20 ____

Мазмуни мухтасар

Ба ______________________________

(номи воҳиди сохторӣ)

______________________________

Роҳбари воҳиди сохтории коргузорӣ

______________________________

______________________________

______________________________ с. 20______

Муҳлатҳои назорат:

Саҳифаи 2 (дар паси саҳифаи 1)

______________________________

Қайд дар бораи иҷро

______________________________

Роҳбари воҳиди сохторӣ ________________

"_____" ______________________ с. 20 _____

"Аз назорат гирифта шуд"

______________________________

Роҳбари воҳиди сохтории коргузорӣ

"_____" ______________________ с. 20 _____

Замимаи 6

ба Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеи он.

Шакли феҳристи парвандаҳои ташкилот:

Тасдиқ мекунам
Номи вазифаи роҳбари ташкилот
насаб, ном, номи падар

Номи ташкилот
Феҳристи парвандаҳо барои соли_________
имзо_________
сана_________

__________________________________________________________________________________

__________________________________________________________________________________

____________

(номгӯи воҳиди сохторӣ)

| Шохиси парванда | Сарлавҳаи парванда (ҷилдҳо, қисмҳо) | Миқдори парвандаҳо (ҷилдҳо, қисмҳо) | Муҳлати нигоҳдории парванда (ҷилд, қисм) ва рақами моддаҳо аз рӯйи Номгӯй[1] | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| | | | | |
| | | | | |

Номи вазифаи роҳбари воҳиди сохтории коргузории ташкилот — имзо — насаб, ном, номи падар
сана
Манзурии мудири бойгонии идоравӣ
(Шахси масъули бойгонӣ)

Маъқул дониста шуд
Протоколи КТ[2]
аз______ № ______________

Мувофиқа шуд
Протоколи КТТ[3]
аз______ № ______________

[1] Номгӯйи ҳуҷҷатҳои намунавие, ки дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, идораҳо, дигар ташкилоту корхонаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ бо нишон додани муҳлати нигоҳдорӣ ташкил мешаванд, ки бояд ва набояд ба нигоҳдории давлатӣ барои ҳуҷҷатҳои умумӣ ва махсус супорида шаванд, ки сардори Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июли соли 2002 тасдиқ кардааст ё Номгӯи ҳуҷҷатҳои дар фаъолияти ташкилотҳои соҳа ташкилшаванда.

[2] Ниг. ба қисми 6, банди 92

[3] Ниг. ба қисми 6, банди 99

Замимаи 7

ба Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеи он.

Шакли қайди ҷамъбастӣ ба феҳристи парвандаҳои ташкилот

Қайди ҷамъбастӣ оид ба гурӯҳҳо ва миқдори парвандаҳое, ки дар соли ________ дар ташкилот ташкил карда шудаанд

| Тибқи мӯҳлатҳои нигоҳдорӣ | Ҳамагӣ | Аз ҷумла | |
|---|---|---|---|
| | | Гузаранда | Бо аломати КТТ |
| | | | |
| | | | |
| | | | |

доимӣ

________________________________________

дарозмуддат (беш аз 10 сол)

________________________________________

муваққатӣ (то 10 соли пурра)

________________________________________

ҶАМЪ:

Номи вазифаи роҳбари воҳиди
сохтории коргузории ташкилот          имзо          насаб, ном, номи падар

Сана
Маълумотҳои ҷамъбастӣ ба бойгонии идоравӣ супорида шудаанд

Номи вазифаи шахсе, ки
маълумотҳоро фиристодааст          имзо          насаб, ном, номи падар

Сана

Замимаи 8

ба Дастурамали коргузорӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохторҳои зертобеи он.

Рӯйхати парвандаҳои муҳлати нигоҳдориашон доимӣ

Тасдиқ мекунам
Номи вазифаи роҳбари ташкилот

имзо___________ насаб, ном, номи падар
сана___________

Фонд № _____________
Рӯйхати № ___________
парвандаҳои муҳлати
нигоҳдории доимӣ
барои соли ___________

_______________________________________________________________
(номи ташкилот ё воҳиди сохтории он)

| р/т | Шохиси парванда | Сарлавҳаи парванда (ҷилд, қисм) | Санаи парванда (ҷилд, қисм) | Миқдори варақҳо дар парванда (ҷилд, қисм) | Эзох |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

Ба ин фасли рӯйхат _______________________________________ парванда
(бо рақам ва ҳарфҳо)

аз № ________то № ________________________, аз ҷумла:

рақамҳои литерӣ:
рақамҳои партовташуда:
ворид карда шудааст.
Номи вазифаи
тартибдиҳандаи рӯйхат имзо насаб, ном, номи падар

Мудири бойгонии ташкилот имзо насаб, ном, номи падар

Бо протоколи КТ ташкилот
аз__________ №__________
маъқул дониста шуд.

Бо протоколи КТТ
ташкилоти бойгонӣ
аз__________ №__________
тасдиқ шудааст.